ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА
ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734064, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1
Тел: +992 37 235 97 68, Факс: +992 37 236 03 04
E-mail: mewr@mewr.gov.tj, Web: www.mewr.gov.tj

аз «08» 06 соли 2018 № 23

ба №____ аз «___» ________ соли 20__

# ФАРМОИШ

«Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ»
030.210.000.

Дар асоси қисми 2-и моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015, № 1269 ва «Қоидаҳои намунавии гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017, № 265 тасдиқ шудааст,

Фармоиш медиҳам:

1. «Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур тибқи тартиби муқарраргардида, барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
3. Фармоиши Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ аз 8 феврали соли 2018, 59\бк «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар иншоотҳои гидротехникии таъиноти энергетикӣ ва хоҷагии об» аз эътибор соқит дониста шавад.
4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Вазир - С. Раҳимзода вогузор карда шавад.

Вазир У. Усмонзода

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 939
29 06 2018